*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).***

Дар шароити имрӯза низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаи муҳимми низоми молиявӣ маҳсуб меёбад. Зеро набудани механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ин система, ки аллакай як маротиба пушти сар намудем, боз метавонад, ки такрор ёбад. Дар солҳои охир, бухрони молиявии баъзе бонкҳои тиҷоратӣ исбот намуд, ки баъзе бонкҳо ниёзҳои одитарини муштариёнро қонеъ накарда ба муфлисшавӣ омада расиданд.

Яке аз механизмҳои асосии бонкӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ин таъмин намудани боварии мизоҷон тавассути иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳо мебошад. Дар иртибот ба ҳамин гуфтаҳо, пеш аз ҳама, қайд менамоем, ки роҳҳои таъмини устувории молиявӣ ва низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ ба сатҳи эътимоднокии бонкҳо вобаста аст. Барои иҷрои ин ҳолат, яъне эътимоднокӣ ва низоми идоракунии устувории молиявӣ, баҳодиҳии сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ низ муҳим аст. Дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пайваста динамикаи рушди иқтисодии кишварро таъмин намуда, бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун субъекти ёрирасон дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ муаррифӣ мекунанд. Зеро дар шароити муосир бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун механизми асосии рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ба шумор рафта, дар пешрафти иқтисодиёт нақши назаррас доранд. Аз ин рӯ, интихоб ва омӯзиши масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқшаванда, назари олимони ватаниро оид ба устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ҷамъоварӣ карда, ақидаи муаллифии худро баён кардааст. Аз нигоҳи муаллиф, системаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ раванди динамикие мебошад, ки ба нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани қобилияти бонк барои муқовимат ба таъсири манфии омилҳои беруна ва

дохила, нигоҳ доштани қобилияти пардохт ва таъмини устувории дарозмуддати фаъолият нигаронида шудааст (ҷадвали 3, саҳ. 13).

Маълум аст, ки барои сармоягузорон сатҳи баланди сармоякунонии ташкилот ҷолиб аст. Ин ба бонк имкон медиҳад, ки вазъи молиявии худро мустаҳкам гардонад ва фаъолияти худро васеъ кунад. Ҳамин тариқ, маблағҳои худи бонки тиҷоратӣ на танҳо кафолати эътимоднокии он, балки омили асосии рақобатпазирии он дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мебошанд. Муаллиф дар саҳифаи 16-и автореферат вазъи дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро дар шакли диаграмма (диаграммаи 1) пешниҳод намуда, ба андешаи у нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муайянкунандаи вазъияти он буда, афзоиши онҳо аз ҳолати муқаррарӣ ва пастшавии онҳо ҳолати мураккаби системаро нишон медиҳад.

Дар автореферати диссертатсия қайд шудааст, ки вақте вазъи иқтисодӣ бад мешавад, идора кардани устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ душвортар мегардад ва ин ба бадтар шудани бухрони иқтисодӣ мусоидат мекунад. Зеро, бонкҳо қисми муҳимтарини низоми молиявии мамлакат мебошанд. Агар ин ҳолат сари вақт пешгирӣ гардад, бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд барномаҳои махсус тартиб дода, дар натиҷа зарар камтар шавад. Вобаста ба ин аз ҷониби диссертант мушкилоти мавҷуда дар низоми идоракунии устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли мушкилот дар ин самт пешниҳод гардидаанд, ки дар ҷадвали 11 оварда шудаанд (саҳ. 23).

Аз мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бомуваффақият ҳал намудааст. Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо ва таҳлилҳои дар автореферати Сафаров Сайфулло Зикрилоевич пешниҳодшуда, қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳимми автореферати диссертатсия, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳодоти зеринро ба назари эътибор мегирифт:

1. Ба манфиат мебуд агар муаллиф қисмати мубрамияти мавзуро васеътар ва аҳамияти илмии онро пурратару равшантар менамуд;

2. Дар расми 2-и автореферати диссертатсия (саҳ. 24) муаллиф алгоритми ташкили системаи идоракунии устувории молиявиро барои бонки тиҷоратӣ пешниҳод намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Вобаста ба ин, хуб мебуд, ки оид ба масъалаи мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пуратарро ҷой дода мешуд.

Новобаста аз пешниҳодоти ҷойдошта автореферати диссертатсияи тақризшаванда таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шуда, муаллиф мустақилона доир ба такмили механизмҳо ва низоми

идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

Хулоса, ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсия қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Алиджанов Д.А.

Имзои Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1;
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс: (83422) 6 75 18; E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru